*Тақриз*

***ба автореферати диссертатсияи Ҷобиров Абдуқодир Билолович дар мавзӯи «Вижагиҳои забонии китоби «Бахше аз тафсири куҳан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ)***

Рисолаи номзадии Ҷобиров Абдуқодир Билолович, ки ба мавзӯи вижагиҳои забонии куҳантарин тафсири Қуръон ба забони порсии дарӣ – китоби “Бахше аз тафсири куҳан” бахшида шудааст, аз мавзӯъҳои нисбатан муҳим дар илми забоншиносии тоҷик аст. Раванди шаклгирии забони порсии дариро бе фарогирии вижагиҳои забонии аввалин тарҷума ва тафсирҳои порсии Қуръон ғайриимкон аст, зеро заминаҳои шаклгирии забони порсии дарӣ дар ин осор ба таври густурда инъикос ёфтааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар бахши “Тавсифи умумии кор” тамоми талаботҳои вобаста ба таҳияи автореферати диссертатсия – аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методу навоварӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, маводи таҳқиқот ва нукоти асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда дарҷ гардидааст.

Дар зерфасли аввали боби якум, ки **«Вазъи сиёсию фарҳангии ҷомеа дар аҳди таълифи китоби «Бахше аз тафсири куҳан»** дорад, дар заминаи таҳқиқоти пурарзиши як қатор осори аз ҷониби донишмандони ватанию хориҷӣ таълифгардида навишта шуда, дар он матолиби ҷадид ва кӯшишҳои баёни андешаҳои нав дида мешавад. Муҳаққиқ дар фасли дуюми боби мазкур ба таҳқиқи пайдоиши нахустин тарҷума ва тафсири Қуръон ба забони порсии дарӣ ва густариши он пардохта, кӯшиш намудааст, ки омилҳои паҳншавии нахустин тарҷума ва тафсирҳои Қуръон ба забони порсии дариро нишон диҳад.

А. Ҷобиров дар фасли сеюми ин боб, ки **«Заминаҳои ташаккули забони порсии дарӣ дар тарҷума ва тафсирҳои Қуръон дар аҳди таълифи китоби «Бахше аз тафсири куҳан»** унвон дорад, заминаҳои таҳаввули низоми овоӣ, заминаҳои ташаккули низоми луғавӣ ва сарфиро мухтасаран нишон додааст. Дар ин фасл муаллиф бархе аз хусусиятҳои асосии овоӣ, луғавӣ ва забонии марҳалаи ташаккули забони порсии дариро, ки дар

куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои Қуръон ба забони порсии дарӣ ба назар мерасанд, таҳлилу баррасӣ намуда, хулосаҳои амиқу дақиқ баровардааст.

Боби дуюми рисола «**Вижагиҳои овоӣ ва луғавии китоби «Бахше аз тафсири куҳан»** ном дошта, аз се фасл ва зерфаслҳо иборат аст.Муҳаққиқ дар фасли аввал вижагиҳои овоии китоби "Бахше аз тафсири куҳан"-ро мавриди таҳқиққарор дода, омилҳои асосии бадалшавии овозҳои **b**, **f** ва **v**-ро нишон додааст. Дар фасли дуюми ин боб вожаҳои аслии тоҷикиро решашинохтӣ ва вожаҳои иқтибосии арабӣ, оромӣ, юнонӣ ва ҳиндии китоби "Бахше аз тафсири куҳан"-ро муайян намудааст. **Категорияҳои луғавӣ**–сермаъноӣ, муродифоту антоним ва омонимҳои китоби "Бахше аз тафсири куҳан"-ро дар фасли сеюми боби мазкур таснифу ташреҳ намудааст.

А. Ҷобиров дар боби сеюми рисола вижагиҳои сарфии вожагони китоби "Бахше аз тафсири куҳан"-ро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муаллиф дар чор фасли ин боб категорияҳои грамматикии ҳиссаҳои номии нутқ ва роҳҳои калимасозӣ бо пешванду пасвандҳо ва тарзи калимасозии мураккабро мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Муҳаққиқ А. Ҷобиров дар 7 банд натиҷаи кори таҳқиқотии худро хулосабардорӣ намуда, ҳар як бобу фаслро ба таври алоҳида ва мухтасаран ҷамъбаст намудааст.

Автореферати диссертатсия бо забони фасеҳи илмӣ таълиф шуда, дорои мазмуну мундариҷаи баланди илмӣ аст. Аз таҳлилу муҳокимарониҳо, баррасии маводи гирдомада ва шарҳу тавзеҳи онҳо бармеояд, ки муаллиф ба мақсаду ҳадафи таҳқиқ расидааст.

Дар баробари ин автореферати диссертатсия аз баъзе нуқсон ва камбудиҳо орӣ нест, ки дар зер зикри онҳоро зарур мешуморем:

1. Ба назари мо боби якуми рисола, ки "Муҳити инкишофи тарҷума ва тафсирҳои Қуръон ба забони порсии дарӣ дар аҳди таълифи китоби "Бахше аз тафсири куҳан" ном дорад, доираи таҳқиқи он хеле васеъ аст.

2. Дар боби якум муҳаққиқ ба баррасии вижагиҳои асосии куҳантарин тарҷума ва тафсири Қуръон ба забони порсии дарӣ– «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», «Тафсири Қуръони маҷид» (маъруф бо номи «Тафсири Кембриҷ»), «Тафсири Қуръони пок», «Қуръони музейи Порс»пардохта, маводеро аз ин китобҳо барои таҳлил овардааст, вале аз чӣ бошад муаллиф зимни муҳокимаронӣ ва хулосабарориҳо ба «Тарҷумаи Қуръони қудс», ки он ҳам ба ҷумлаи куҳантарин тарҷумаи Қуръон ба забони порсии дарӣ шомил аст,

камтар такя намудааст. Агар муаллиф барои нишон додани заминаҳои ташаккули забони порсии дарӣ аз маводи ин тарҷума низ истифода мекард, арзиши илмии кор бештар мешуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда зудислоҳшаванда буда, арзиши илмии диссертатсияро кам нахоҳад кард.

Хулоса, рисолаи А. Ҷобиров «Вижагиҳои забонии китоби «Бахше аз тафсири куҳан» кори илмии анҷомёфта буда, ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

**Ҷумъақул Ҳамроев, мудири**
**кафедраи забон ва адабиёти тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии Самарқанд,**
**доктори фанҳои филологӣ, профессор**

Ҷ. Ҳамроев

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY VA O'RTA MAXSUS TA'LIM VAZIRLIGI SAMARQAND DAVLAT UNIVERSITETI
XODIMLAR BO'LIMI

Реквизиты: Республика Узбекистан г. Самарканд, университетский бульвар 15

Моб. Тел. +(998) 915289800

Email: Juma.Hamroh47@mail.ru

Подпись доктора филологических наук, профессора Джумакула Хамраева.

Заверяю

**Нач. отд. кадров Сам ГУ** **Атахаджаева Диляра Хашимовна**